# Хулосаи

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-005 дар назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин «Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ) пешниҳод шудааст**

1. Мавзуи диссертатсионии Муҳаммадқодири Наҷмуддин, ки ба таҳқиқи масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) бахшида шудааст, дар шароити кунунии ҷумҳурӣ мубрам ба ҳисоб меравад. Дин ва арзишҳои динӣ дар ҷомеаи дунявӣ барои ҳифзи маънавиёт ва анъанаҳои фарҳангии ҷомеа, рушди ахлоқи шаҳрвандон ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ (махсусан, муносибатҳои оилавӣ) ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Давлати дунявӣ барои рушди арзишҳои динӣ ва фаъолияти ташкилотҳои динӣ шароитҳои якхелаи зарурииро фароҳам месозад. Барои иҷтимоишавии динии шаҳрвандони Тоҷикистон, ҳамзамон ташаккулёбии ҷаҳонбинии дурусти динӣ ба роҳ мондани таълими диншиносии илмӣ, муайян намудани амсилаҳои муносиби таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ ва ҳифзи фарҳангӣ миллии шаҳрвандон аҳамияти калон дорад.

Бояд зикр намуд, ки Тоҷикистон давлати мусалмоннишин мебошад, аксарияти мутлақи шаҳрвандони Тоҷикистонро мусалмонон ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, барои иҷтимоишавии динии насли наврас низоми неруманди диншиносии илмӣ лозим аст. Мутаассифона, низоми нерумандии диншиносии илмӣ ҳануз дар Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ рушд накардааст ва шумораи мактабу мадрасаҳои динӣ ва марказҳои омода намудани мутахассисони динӣ, инчунин олимони диншинос хеле кам ҳастанд. Стандартҳои таълимӣ, барномаҳо ва нақшаҳои таълимӣ бо

назардошти талаботҳои ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва дунявии шаҳрвандони Тоҷикистон таҳия нагардидаанд.

Ҳамзамон, дар афкори ҷамъиятӣ таҳсилоти динии давлатӣ мақому манзалати заруриро касб накардаааст, эътимоди аҳолӣ ба низоми таҳсилоти динии давлатӣ дар сатҳи кофӣ қарор надорад, онҳо бештар ба рӯҳониёни маҳаллии ғайрирасмии динӣ боварӣ доранд ва дар ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳаётӣ ба ин рӯҳониёни динӣ муроҷиат мекунанд.

Омӯзишу таҳқиқи масъалаи муносибати таҳсилоти динӣ ва дунявӣ, муайян намудани амсилаҳои мушаххаси самараноки таҳсилоти динӣ дар Тоҷикистон, дарёфти воситаҳои мувофиқи ба роҳ мондани раванди иҷтимоишавии динии шаҳрвандон, таҳияи барномаҳои мукаммали таълими диншиносии илмӣ, ҳамкории судманди намояндагони ташкилотҳои динӣ бо мақомоти давлатӣ, инчунин кор карда баромадани пешниҳодҳо барои такмили низоми таҳсилоти динии аҳолии Тоҷикистон аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ дорад.

Этимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои ҳосилшуда, пеш аз ҳама, бо мутобиқати усулҳо ва методологияи таҳқиқот бо ҳадафу вазифаҳои диссертатсия асоснок карда мешаванд. Дар диссертатсияи мазкур миқдори зарурии адабиёти илмии ба мавзуъ дахлдор истифода гардидааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот андешаҳо ва хулосаҳои олимони хориҷи ва ватаниро ба таври фаровон истифода бурдааст.

Навоварии илмии тадқиқот аз он иборат мебошад, ки дар диссертатсия муаллиф нахустин шуда масъалаҳои таҳсилоти диниро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба таври фарогир таҳқиқ намудааст, шаклҳои нави алоқамандии давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ ошкор гардида, таҳаввулоти таърихии ҳамбастагӣ ва таъсири мутақобилаи дин ва дунявият бо далелҳои муътамад таҳқиқ гардидааст, муносибат ва ҳамтаъсиррасонии давлати дунявӣ ва ҷомеаи диниро дар сохтори иҷтимоии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, зарурати ташаккул додани

ҷаҳонбинии дунявии шаҳрвандонро бо далелҳои асоснок нишон додааст.

Дар таҳқиқот нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шуданд, ки онҳо дар замони муосир ҳамчун навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф ҳангоми кор карда баромадани сиёсати давлатӣ нисбат ба дин, таҳкими арзишҳои дунявӣ ва афзалият пайдо намудани онҳо, ҳалли масъалаҳои таҳсилоти динӣ ва диншиносии илмӣ, танзими раванди таҳсилоти динӣ дар Тоҷикистон, таҳияи амсилаҳои муносибати таҳсилоти динӣ ва дунявӣ, пешгирии воридшавии таълимоти динии ифротӣ ба муҳити динии Тоҷикистон, муқовимат ба паҳншавии афкори ифротии динӣ ва пешгирии гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгароии динӣ мусоидат менамоянд.

Саҳми унвонҷӯ дар коркарду корбурди сарчашмаҳои назариявӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ, таҳияи мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо оид ба мавзӯи диссертатсия зоҳир мегардад.

2.Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Дар он масъалаҳое матраҳ шудаанд, ки барои муайян, баҳогузорӣ ва пешбинӣ кардани раванди минбаъдаи ҳалли масъалаҳои таҳсилоти динӣ ва диншиносии илмӣ дар давлати дунявии Тоҷикистон, рушди ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои дунявии ҷавонон, самаранок истифода бурдани арзишҳои динӣ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, таҳкими худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ мусоидат карда метавонанд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3.Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2021, таҳти № 351 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти № 5\2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**4.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА–и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба нашр расидаанд ва пурра мавзу ва мазмуни диссертатсияро ифода менамоянд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошанд.

**5.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии Муҳаммадқодири Наҷмуддин истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиботи додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

**6.** Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Муҳаммадқодири Наҷмиддин маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

Банди 53-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин "Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ дар Шӯрои дессертатсионии 6D.KOA-005–и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва

ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- доктори илмҳои антропологияи фалсафӣ, фалсафаи фарҳанг, профессори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Карамхудоев Ш.Х.

- номзади илмҳои сотсиологӣ, сарходими илмии Маркази тадқиқотҳои стратегии назди Перезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон Назирова М.Н.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ таъйин карда шавад

**Раиси комиссия:**

Муҳаммадалӣ Музаффар - узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор

**Аъзои комиссия:**

Ҷононов С. - доктори илмҳои фалсафа, профессор

Раҳимов С.Х. – доктори илмҳои фалсафа